# Меъёри бозтамвил бетағйир нигоҳ дошта шуд.

Дар ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон №47, аз 30 апрели соли 2026 ҷиҳати бетағйир дар сатҳи 7,00 фоизи солона нигоҳ доштани меъёри бозтамвил қарор қабул гардид. Қарори мазкур бо назардошти болоравии сатҳи нархҳои ҷаҳонии маводи сӯзишворӣ ва эҳтимолияти идомаи он дар ояндаи наздик, ноустувории баъзе аз маҳсулоти воридотии истеъмолӣ, инчунин муътадилии сатҳи таваррум ва коҳиш ёфтани интизориҳои таваррумии аҳолӣ қабул карда шуд.